«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор
__________Гулназарзода Ж. Б.
«23» августи 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод шудааст**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм

Диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» ба банди 5-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401–Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод шудааст, мутобиқат менамояд.

Ақидаҳои адабиву эстетикии классикони адабиёти форсии тоҷикӣ аз солҳои 50-уми садаи бист оғоз ёфта бошад ҳам, вале он дар нимаи дуюми солҳои 60-70-уми садаи XX шакли васеу густурдаеро касб кардааст. Ба вижа, пажӯҳиши ақидаҳои адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон - Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Тошхоҷаи Асирӣ, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Абдурраufи Фитрат ва дигарон дар адабиётшиносии тоҷик мақоми вижа дорад. Дар асару мақолаҳои С. Айнӣ, Х. Мирзозода, Б. Ғафуров, И. С. Брагинский, З. Раҷабов, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, С. Табаров, М. Шукуров, Сайфуллоев, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов, Н. Аслонова ва зумраи дигар ба масъалаи ақидаҳои адабиву эстетикии чеҳраҳои адабиёти давраи мазкур нигоҳи иҷмолие

афканда шуда бошад ҳам, вале он ба таври монографӣ мавриди баррасии алоҳида қарор нагирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Доир ба паҳлуҳои афкори адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон дар адабиётшиносии тоҷик, ӯзбек, тотор ва рус андешаву мулоҳизаҳои муҳим баён шуда бошанд ҳам, вале таҳқиқи заминаҳои пайдоиши ин ҷараёнҳо ва нақши ашъори онҳо дар афкори адабию эстетикии Осиёи Марказӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст.

Ҷолиби диққат аст, ки ин мавзуъ дар диссертатсияи докторант Абдураҳмонов М. С. мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Аҳаммияту мубрамияти масъала низ маҳз дар ҳамин хулоса мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик нахустин бор ин масъала мавриди пажӯҳиши монографӣ қарор мегирад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, дувоздаҳ фаслу зерфасл, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда, ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон бори аввал ба шакли монографӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Таҳқиқи мазкур кӯшиши нахустин дар мавриди таҳқиқи заминаҳо ва омилҳои пайдоиши ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон маҳсуб меёбад. **Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон дар фазои умумии адабиётшиносӣ дар баробари ҳаллу фасли масъалаҳои муайян намудани мафҳуми маорифпарварӣ, ҷадидӣ, нақши нашрияҳои даврӣ дар тарғибу ташвиқи афкори маорифпарварон ва ҷадидон муайян кардани афкори адабию

эстетикии намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидӣ дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва мушаххас намудани ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна, инчунин, нишон додани навгарой ва суннатгароии адабии шоирон ва нависандагони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Муҳаққиқ пеши худ мақсад гузоштааст, ки бо таҳлилу арзёбии адабиёти мавҷуд нисбат ба заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули афкори адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири маҷрои адабӣ ва афкори адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон, ҳамчунин афкори адабию эстетикии намояндагони алоҳидаи адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидаро баррасӣ намояд. Дар муқаддимаи диссертатсия чун анъана мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисми тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ бо низоми муайян баён гардидаанд.

**Боби аввали диссертатсия зери унвони «Заминахои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули афкори адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX»** шомили ду фасл аст. Дар фасли **аввал** муаллиф кӯшиш намудааст, ки омилҳои сиёсӣ ва таърихии тағйир ёфтани афкори иҷтимоӣ дар нимаи дуюми асри XIX-ро таҳқиқ намуда, онро ба пайдоиши шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ, заводҳои гуногун, фабрикаҳо, зуҳур ва пайдоиши буржуазияи миллӣ, инқилоби якуми рус дар солҳои 1905-1907, ҷанги якуми ҷаҳонӣ маҳсуб медонад. Дар фасли дуюми боби аввал, ки ба фасли аввал иртиботи бевосита дорад, оид ба пайдоиши омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули афкори адабӣ андешаҳо баён кардааст. Воқеан, пайдоиши омилҳои сиёсӣ ва таърихӣ хоҳу нохоҳ ба пайдоиши омилҳои маънавию фарҳангӣ ва

адабӣ боис мегардад. Муаллифи диссертатсия дар ин фасл пайдоиши омилҳои маънавию фарҳангиро бо далелҳои равшану раднопазир исбот намуда, заминаи бунёдӣ ва сабаби ба амал омадани онро аз сарчашмаву мадракҳои нимаи дуюми асри XIX ва, ҳатто, пеш аз он, ҳамчунин аз тазкираву рисолаҳои муаррихон, асарҳои илмиву бадеии ин давра ҷустуҷӯ намудааст. Ба омилҳои маънавии асосии тағйир ёфтани тафаккури ҷомеа ба вуҷуд омадани афкори тоза ва нав бо номи ҷараён ё худ неҳзати ҷадидия дар Осиёи Миёна ва чор омили маънавӣ ва ҳамчунин кушода шудани як қатор матбааҳои литографӣ (сангӣ), ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба роҳ мондан ва чоп кардани рӯзномаю маҷаллаҳо, ифтитоҳи мактабҳои усули ҷадид (нав), иншо намудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимро дохил намуда, онҳоро бо мисолҳои мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ ва афкори адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон»** ба таҳқиқу таҳлил ва баррасии нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ, зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ашъори назмиву насрии адибони муосираш, зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, Аҳмади Дониш дар ашъори шуарои муосираш бахшида шудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм доир ба нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ андешаву мулоҳизаҳо баён ёфтааст. Диссертант дар асоси мисолҳои мушаххас нишон медиҳад, ки воқеан Аҳмади Дониш чун ин «доҳии модарзод» тавассути асарҳои вижааш дар муҳити Бухоро ба инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ раҳбар ба шумор рафта, бо нубуғи зотиву фитрии худ дар дигаргун кардани на танҳо насри тоҷикии форсӣ, балки дар тағйири маҷрои адабии нимаи дуюми асри XIX инқилоберо ба вуҷуд оварда, бароиояндагон роҳу равиши тозаеро дар ин самт ба вуҷуд овард. Тағйири маҷрои адабӣ ва таҳаввулоту дигаргуниҳое, ки Аҳмади Дониш, пеш аз ҳама, тавассути таълифоти насрии худ, ки онро «дар пояи

мартабаи шеърӣ қарор дод», ба вуҷуд овард. Фасли дуюм «Зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ашъори назмиву насрии адибони муосираш» унвон дошта, он аз ду зерфасл фароҳам омадааст. Дар зерфасли аввал ҷойгоҳ ва мақоми Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди пажӯҳиш ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, ки онро ба ду гурӯҳ: а) тазкираҳои фармоишӣ ва б) бидуни супориш ҷудо кардаанд, доир ба Аҳмади Дониш ва мавқеи иҷтимоии адиб баҳои гуногун додаанд. Муаллифи диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои дасти аввал андешаҳои муаллифони тазкираҳоро, ки оид ба мақому мартабаи А. Дониш баҳогузорӣ кардаанд, ба доираи таҳлилу тафаккур кашида, ба онҳо баҳои ҳаққонӣ медиҳад ва бо зикри Аҳмади Дониш дар “Намунаи адабиёти тоҷик”-и Садриддин Айнӣ ҷамъбаст намудааст ва хулоса мекунад, ки “баҳодиҳӣ ба даҳои Аҳмади Дониш воқеан, асосҳои ҷиддии илмӣ дошта, аз дарки амиқу саҳеҳ ва шинохти ин нобиғаи даврон аз ҷониби сардафтари адабиёти муосири тоҷик башорат медиҳад”. «Аҳмади Дониш дар ашъори шуарои муосиронаш» унвони зерфасли дуюми боби мазкур буда, давоми мантиқии зерфасли аввал маҳсуб меёбад. Муаллиф дар ин зерфасл асосан оид ба ашъоре, ки бахшида ба даҳои ин «доҳии модарзод» иншо шуда, аз ҷиҳати ҳаҷму микдор зиёд нестанд, вале аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ва мундариҷа қобили таваҷҷуҳ аст, таваққуф намудааст. Аз рӯи мазмуну муҳтаво ашъори мазкури адибон дар анвои гуногуни назм, амсоли қасида, мухаммас, марсия ва қитъа иншо шуда, тамоми хислатҳои наҷибаи ин «ягонаи фазл»-ро як-як маънидод кардаанд, таҳлил ёфтааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Афкори адабию эстетикии намояндагони адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадида»** номгузорӣ шудааст. Боби мазкур шомили фаслу зерфаслҳои зиёде буда, дар чаҳорчӯби ҳар яке матолиби ҷудогонае ҳаллу фасл шудааст. Дар фасли аввал диссертант ба таври амиқу густурда бо зикри далоили илмӣ ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёнаро таҳлилу арзёбӣ намудааст.

Диссертант ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна ва заминаҳои бунёдии пайдоиши онҳоро ба маорифпарварони асри XIX–и рус ва тотор вобаста دониста, қайд мекунад, ки “Маорифпарварии Осиёи Миёна бар поя ва ҳаракати озодихоҳонаи мардуми рус нарасида буд, аммо дар он руҳияи озодихоҳонаро метавон мушоҳида кард” (дисс. саҳ.88). Диссертант бо мисолҳои мушаххаси зиёде аз осори Аҳмади Дониш, Шоҳин, Возеҳ афкори маорифпарварӣ ва ҳамчунин заминаҳои пайдоиши ҷараёни ҷадидияро ба осори Аҳмади Дониш иртибот дода, ба натиҷае расидааст, ки “Ҷараёни ҷадидия дар оғоз ҳамчун як неҳзати фарҳангӣ байни мардум муаррифӣ шуда, бо гузашти вақт он барои дигаргун сохтани давлатдорӣ ва сарнагун кардани аморат иқдом намуда, ҷавонони озодандешро муттаҳид намуд” ва дар саргаҳи он Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулқодири Шакурӣ, Мунавварқорӣ Абдурашидов ва соири дигар меистоданд. Дар зерфасли дуюми боби сеюм масъалаи ақидаҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш, ки фасли калидии ин боб маҳсуб меёбад, ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аз муҳтавои фасл бармеояд, ки диссертант вобаста ба ақидаҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш қариб тамоми осори Аҳмади Дониш ва маводи марбут ба эҷодиёти адибро мавриди мутолиа қарор додааст. Нуқтаи назари А. Дониш оид ба шеъру шоирӣ ва шинохти он, хаттотиву дабирӣ, омӯзиши луғат ва қиёсу муқобалаи он, шарҳу тавзеҳи абёти гузаштагон, бахусус шарҳи ғазалиёти Абулмаони Бедил, андешаҳои интиқодии ӯ оид ба ашъори шоирони замонаш, ғазалҳо ва порчаҳои шеърии боқимонда дар осораш ва амсоли ин бармеояд, ки Аҳмади Дониш дар таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX тавассути асарҳои насриву назмиаш тавонист, нисбат ба воқеаву ҳодисаҳои замонаш - ноороми давр, қашшоқии мардум, талаву тороҷ гардидани халқи бечора, беадолативу ҷоҳилӣ ва ҷаллодии зимомдорони замон, муфтхӯриву порагирии қозиву муфтӣ ва дигар анбои замон, дар баробари ин аз беқадрии илму дониш ва паст рафтани мақому манзалати шеъру шоирӣ мушоҳидаву мулоҳиза ва андешаҳои тозаву бикри худро баён намояд. Диссертант оид ба ин масъала ба хулосае расидааст, ки “аз ақидаҳои адабиву эстетикии адиб бармеояд, ки

гуфтаҳои ӯ, ки гӯё камтар ба шеъру шоирӣ машғул будааст, як навъ аз шикастанафсии А. Дониш буда, воқеан, «аз қоидаву зобитаҳои шеър ва назарияи назми классикӣ ба хубӣ воқиф будааст. Аз тарафи дигар, манзумоти Дониш ба хубӣ собит мекунад, ки ӯ дар шеър низ сухани матину зебо ва санъати баланде доштааст» (дисс. с.11-120). Диссертант дар зерфаслҳои боби мазкур ақидаҳои адабиву эстетикии Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдуррауфи Фитрат ва Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзиро тибқи мисолҳои мушаххас ба таҳлил гирифта, мавриди арзёбӣ ва таҳлил қарор додааст. Маълум мегардад, ки доир ба мақому манзалати шеър ва чигунагии он, нақши шоир дар офариниши он дар осори адибони зикршуда андешаҳо баён наёфта бошад ҳам, вале ақидаҳои адабиву эстеткии онҳоро мо дар осори онҳо, ки ба масъалаҳои тарғиби илм, мактабу маориф, рӯзномаву маҷаллаҳо, ифтитоҳи мактабҳои усули нав, омӯзиши забонҳо, ба вижа, забони русӣ ва ба мавзуъҳои иҷтимоии замон бахшида шудаанд, мушоҳида карда метавонем.

Дар охир бояд зикр намуд, ки рисолаи хубе аз ҷониби Абдураҳмонов М. С. таълиф шудааст, ки дар шинохти масоили афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX бисёр пураҳаммият аст.

Дар баробари муваффақиятҳои кор бояд ба чанд нукта ишора намуд, ки дар беҳбудии таҳқиқ муҳим ба назар мерасанд:

1. Ба андешаи мо, дар дараҷаи таҳқиқи мавзуъ баъзе пажӯҳишҳо аз назари таҳқиқ дур мондааст. Амсоли рисолаи К. Ҷӯраев, мақолаи З. Аҳроров ва ғайра.

2. Фасли аввали боби якум- “Омилҳои сиёсӣ ва таърихии тағйир ёфтани афкори иҷтимоӣ”-ро таҷдиди назар бояд намуд, зеро, ба андешаи мо, он каме кашол ёфтааст.

3. Ҷанбаи назариявии фасли 2.1.- “Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ”-ро боз ҳам пурқувват кардан лозим аст.

4. Дар бо́би сеюм агар ақидаҳои адабию эстетикии яке аз шахсиятҳои шинохтаи адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX Шарифҷон махдуми Садри Зиё мавриди таҳлил қарор мегирифт, қиммати корро афзун мекард.
5. Дар матни диссертатсия ғалатҳои китобатӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд, ки мо дар ҳошияи диссертатсия ба он ишора намудем.

Албатта, эродҳои мазкур ба муҳтавои аслии таҳқиқот халал ворид намесозанд.

Автореферати диссертатсия ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки шаш адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) бахшида шудааст, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 22 -юми августи соли 2023, суратҷаласаи № 1 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар

ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Н. С.

Эксперт:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л. М.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Боев Ш. Э.

Имзоҳои н.и.ф. Н. С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков
ва н.и.ф. Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru
22-юми августи соли 2023.